**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ҚАРОР**
**Дар бораи Агентии авиатсияи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**(қарори Ҳукумати ҶТ аз 02.11.2018 № 536)**

Мутобиқи моддаи 12 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва бо мақсади такмили системаи идораи давлатӣ дар соҳаи авиатсияи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Аз ҳисоби ихтисори 13 воҳиди кории раёсати авиатсияи граждании дастгоҳи марказии Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 14 воҳиди кории раёсати назорат ва танзим дар нақлиёти ҳавоии Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёт ва 8 воҳиди кории шуъбаи сертификатсиякунонӣ дар нақлиёти ҳавоии корхоиаи воҳиди давлатии «Маркази сертификатсиякунонии кор ва хизматрасонии соҳаи нақлиёт» Агентии авиатсияи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шавад.

2. Низомнома, сохтор ва номгӯи корхона на дигар ташкилотҳои системаи Агентии авиатсияи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1 ва 2 ва 3)(қарори Ҳукумати ҶТ аз 02.11.2018 № 536).
2.1. Шумораи ниҳоии кормандони Агентии авиатсияи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ маблағгузорӣ мешаванд, ба миқдори 35 воҳид (бе ҳайати хизматрасон) муқаррар карда шавад.
2.2. Ба Агентии авиатсияи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад, ки як муовини директор ва ҳайати мушовара иборат аз 5 нафар дошта бошад.
2.3. Барои Агентии авиатсияи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лимити мошинҳои сабукрави хизматӣ ба миқдори 2 адад муқаррар карда шавад)(қарори Ҳукумати ҶТ аз 02.11.2018 № 536).

3. Маблағгузории Агентии авиатсияи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи маблағҳои пешбининамудаи буҷети ҷумҳуриявӣ ва дигар манбаъҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда шавад.

4. Ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 майи соли 2011, № 250 «Дар бораи Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон» тағйироти зерии ворид карда шаванд:
- дар банди 2 рақамҳои «376» ва «90» мутаносибан ба рақамҳои «363» ва «77» иваз карда шаванд;
- аз замимаи 2 сохтори дастгоҳи марказии Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 майи соли 2011, № 250 «Дар бораи Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ шудааст, банди 4 хориҷ карда шавад;
- бандҳои 5-11 мутаносибан бандҳои 4-10 ҳисобида шаванд.
5. Ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2007, № 107 «Дар бораи Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёт» тағйироти зерин ворид карда шавад:
- дар банди 2 рақамҳои «314» ва «50» мутаносибан ба рақамҳои «300» ва «36» иваз карда шаванд;

- аз замимаи 2 сохтори дастгоҳи марказии Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёт, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2007, № 107 «Дар бораи Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи иақлиёт» тасдиқ шудааст, банди дуюм хориҷ карда шавад.

6. Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии авиатсияи гражданинии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муҳлати ду моҳ оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои мсъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон таклиф пешниҳод намоянд.

7. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ҷойгиркунии Агентии авиатсияи гражданинии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳо андешад.

**Раиси**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Эмомалӣ Раҳмон**

**аз 29 декабри соли 2017 № 596**
**ш.Душанбе**